**Хамватанони азиз!**

Тавре ба хамаи шумо маълум аст, мо муддати чанд соли охир дар сохаи энергетикаи кишвар ба дастовардхои хеле назаррас ноил шудем.

Ба истифода супоридани нерӯгоххои барки обии «Помир-1», «Сангтӯда – 1», «Сангтӯда – 2», Маркази дуюми барку гармидихии шахри Душанбе, ду агрегати нерӯгохи барки обии «Рогун», инчунин, нерӯгохи «Точикистон» дар нохияи Мургоб ва даххо нерӯгохи барки обии хурд аз чумлаи дастовардхои Точикистон дар солхои охир мебошанд.

Дар натича махдудияти таъмини нерӯи барк аз 14 январи соли 2017 дар кишвар пурра бардошта шуд.

Дар даврахои огози истиклолият  солхое буданд, ки  сокинони Точикистон дар як шабонарӯз хамагӣ ду соат барк мегирифтанд.

Аз санаи зикршуда, яъне 14 январи соли 2017 то имрӯз мардуми Точикистон 24 соат бо нерӯи барк таъмин мебошанд.

Чунонки хамватанони азизи мо огоханд, дар сайёра раванди тагйирёбӣ ва гармшавии иклим босуръат идома дорад, ки таъсири он, хусусан, соли чорӣ ба Точикистон низ шиддат гирифт.

Тирамоху зимистони соли 2019-2020 дар минтакахои ташаккулёбии мачрои дарёхои Вахш ва Панч боришоти барф бенихоят кам буд ва 50 фоизи хачми солхои гузаштаро ташкил кард.

Чунин вазъият дар таърихи Точикистон бори аввал ба вучуд омад.

Имрӯзхо об дар мачрои дарёи Панч нисбат ба солхои гузашта 2 хазор метри мукааб, аз чумла дар дарёи Вахш 800 метри мукааб, яъне 50 фоиз кам аст.

Чунин хачми об нишонаи равшани он аст, ки дар кӯххо захираи барф кам мебошад.

Имрӯзхо дар обанбори Норак захираи об нисбат ба соли гузашта 17 метр кам аст.

Агар чунин вазъият идома пайдо кунад, захираи об дар обанбор нихоят кам шуда, дар фасли зимистон барои бо барк таъмин намудани ахолӣ ва сохахои иктисоди миллӣ мушкилоти бисёр чиддӣ пеш меояд.

Дар кишвар 50 фоизи барки истехсолшударо ахолӣ истифода мебарад.

Мардуми мо хуб медонанд, ки фасли зимистон нисбат ба тобистон мушкилоту сахтихои худро дорад. Яъне мо имрӯз метавонем бо истифодаи сарфакоронаи нерӯи барк мушкилоти фаслхои тирамоху зимистони дарпешистодаро пешгирӣ намоем.

Бо хамин максад Хукумати Чумхурии Точикистон ба мардуми кишвар мурочиат карда, хохиш менамояд, ки танхо ба хотири захира кардани об дар обанбори Норак барои фасли тирамоху зимистони дарпешистода махдудияти интиколи баркро, ки аз чониби Ширкати «Барки Точик» чорӣ карда мешавад, дуруст дарк намоянд.

Мо имрӯз хатто мачбур шудем, ки пеш аз мухлатхои дар шартномахои байнидавлатӣ зикршуда интиколи нерӯи баркро ба Чумхурии Ӯзбекистон ва Чумхурии Исломии Афгонистон катъ намоем.

Хукумати Чумхурии Точикистон ба хамаи сокинони кишвар мурочиат мекунад, ки вазъиятро дуруст фахманд. Дар вазъияти имрӯза ин ягона рохест, ки метавонад моро дар фасли зимистон аз мушкилӣ рахонад.

Бо дарназардошти вазъияти баамаломада хар як шахрванд, хар як оила, тамоми ташкилоту муассисахо ва ширкату корхонахо, сарфи назар аз шакли моликият, бояд истифодаи сарфакоронаи баркро таъмин намоянд.

Хамаи мо бояд як масъаларо дар назар дошта бошем, ки агар имрӯз нерӯи баркро сарфакорона истифода барем ва дар обанбор хачми зарурии обро захира намоем, метавонем фасли зимистонро бе мушкиливу сахтӣ паси сар кунем.

Хукумати мамлакат ба маълумоти мардуми шарифи Точикистон мерасонад, ки тамоми чорахои заруриро андешида истодааст, то ки сокинони кишвар дар фасли тирамоху зимистон азият накашанд.